# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик» (Дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020501 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст.

Хусусиятҳои робитаи дутарафа ва муколамаи созишманд байни нависандаву мунаққид яке аз масъалаҳои ҳамеша барӯз дар адабиётшиносӣ маҳсуб мешавад. Ташаккул ва такомули ҳунари офариниши осори бадеӣ ба навъу сифати нақд бастагии зиёде дорад. Махсусан, вақте ки равишҳои мутафовити таҳлилу баррасӣ ба кор бурда мешавад, пойгоҳи тозае барои шуруъ кардани он иртиботи судманд ба миён меояд. Аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар маҳз дар ҳамин нукта ифода меёбад. Мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик», ки дар мисоли асари пурарзиши Ӯрун Кӯҳзод – «Ҳайҷо» як намунаи дигаргун ва равиши фарққунандаи баррасии насри бадеии ривоятиро матраҳ намудааст, имкониятҳои васеи таҳлили амиқ ва бисёрсатҳиро нишон медиҳад. Доманаи ин мавзуъ ниҳоят густарда аст ва мабҳасҳои муҳимтаринаш иборатанд аз хусусиятҳои насри бадеӣ, навъи робитаи нависанда ва хонанда, вижагиҳои матни асар ва бардошти хонандаи воқеӣ ва хонандаи эҳтимолӣ аз он, масъалаи замон ва макону зовияи дид дар роман, таъсиргузорӣ ва таъсирпазирии нависанда аз муҳиту фарҳанг ва мавридҳои дигар, ки мубрамияти ин таҳқиқотро тақвият мебахшанд.

Муҳтавои диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **6D 020500 – Филология (6D 020501 – Адабиёти тоҷик) комилан мувофиқат менамояд.**

Аз ин лиҳоз, кори илмии мазкур дар канори таълифоти дигари ин соҳа, барои пешрафт ва эҷоди дигаргунӣ дар адабиётшиносии миллӣ ва нақди адабӣ метавонад дорои арзиш бошад.

Баъди ошноӣ бо муҳтавои диссертатсия метавон ба чунин натиҷа расид, ки он аз зумраи мабҳасҳои навоварона буда, ба таҳлилу баррасии низомманди матни мансури бадеӣ бахшида шудааст. Ҳарчанд дар кори ҳозир як роман

ҳамчун заминаи аслии таҳлилу баррасӣ интихоб гардидааст, вале меъёрҳо ва равиши таҳқиқ қобили татбиқ ба тамоми осори бадеии насрӣ мебошад ва дар бахшҳои гуногуни кор ба асарҳои дигари Ӯ.Кӯҳзод, мисли «Бандии озод», қиссаи «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз», маҷмуаҳои «Тақвими раҳгум», «Роҳи ағба», «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» ва осори нависандагони муосири ӯ низ руҷуъ шудааст.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия мушаххас гардид, ки унвонҷӯй лаёқати дарки хусусиятҳои сохтору муҳтавои матни бадеӣ, таҳқиқи адабӣ, тавоноии кор бо сарчашмаҳои гуногун дар забони асл ва хулосаи мантиқӣ гирифтан аз пажӯҳишҳои илмиро дорад. Баррасии мавзуъ, усулҳои таҳқиқ ва нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, гувоҳи онанд, ки унвонҷӯй метавонад ба масъалаҳои муҳимми таҳқиқ эътибор дода, аз таҳлилҳо хулосаҳои дурусти илмӣ барорад ва вобаста ба масъалаҳои калидии баррасишуда назари шахсии худро бо қотеияти тамом матраҳ намояд.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад. Унвонҷӯй дар раванди кор бо романи «Ҳайҷо» маъхазҳои зиёди назарӣ ва корбурдиро аз назар гузаронида, дар натиҷаи муқоисаи мӯшикофонаи романи мазкур бо бақия осори нависанда, мурочиат ба намунаҳои таҳлили матни бадеӣ дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ва интихоби равиши муносиб барои таҳқиқи адабиёти миллӣ, хусусиятҳои матни бадеиро тибқи дидгоҳҳои нарратологӣ нишон медиҳад.

Арзиши назариву амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки равиш, дидгоҳ, як самти тозаеро дар адабиётшиносӣ муаррифӣ намуда, коромадии онро дар таҳлили матнҳои мансури адабӣ исбот мекунад, ки ин таҷриба қобили татбиқ бар асарҳои дигар низ ҳаст. Аз ҷиҳати назарӣ, маълумоте, ки дар диссертатсия оварда шудааст, метавонад дар тадриси накди адабӣ ва назарияи адабиёт судманд бошад. Истифода аз сарчашмаҳои назарии хориҷӣ дар забони асл имкон медиҳад, ки маълумоти тозае бар ин соҳа илова гардад. Аз ҷониби

дигар, мисоли раванди ташаккулу таҳаввули ҳунари нависандагии Ӯрун Кӯҳзод як намунаи хубест барои таҳқиқи фаъолияти эҷодии адибони дигар.

Дар натиҷаи таҳқиқ доир ба навъи насри «Ҳайҷо», хусусиятҳои сохтории роман, таъсири услуби нависанда бар шаклгирии сохтору дарунмояи асар, таъсирпазирии он аз муҳит, омилҳои шаклдиҳандаи дидгоҳи арзишгузори роиҷ дар роман ва масъалаҳои марбут, изҳори назарҳои ҷолибе шудааст. Бояд гуфт, ки мабҳаси пурбаҳси замону макон дар кори ҳозир ба таври фарққунанда матраҳ шуда, барои ба даст овардани шинохти тозае аз асар ва кашфи хусусиятҳои пӯшидаи насри бадеӣ кӯмак мекунад.

Дар раванди таҳқиқи ҳозир масъалаи навъи насри романи «Ҳайҷо» мабҳаси калидист, аммо рӯи масъалаи лояҳои сужет, хатҳои замонӣ, пӯёӣ ва истоии матн таъкиди махсус шудааст. Натиҷагириҳое, ки унвонҷӯй дар робита бо меъёрҳои таҳаввули матни адабӣ ироа медиҳад, ҷолиби диққат мебошад ва қобили зикр аст, ки роҳи ҳалҳои пешниҳоднамудааш сатҳи баланди огоҳии ӯро роҷеъ ба мавзуи таҳқиқ исбот мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса, рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда ва замимаи истилоҳот иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **10 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 4 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротҳи ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфарро дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик» (Дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020500 – Филология (6D 020501 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй ҳисобида, ҳамчун роҳбари илмӣ, онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор, академики АМИТ** **Имомзода М.С.**

7-уми январи соли 2025.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, 5/1
Телефон: (+992) 935 80 64 44
E-mail: r.ganiev@msu.tj

**Имзои Имомзода Муҳаммадюсуфи Сайдалиро тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«08» январи соли 2025.